**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА
ҲУҚУҚИ БА НОМИ А.М. БАҲОВАДДИНОВ**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***



ТДУ - 340 (575.3)
ТКБ - 67.7 (2) 99 (2 тоҷик)
Н - 11

**НАБИЕВ ФАТҲИДДИН СУҲРОБОВИЧ**

# ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРӢ-АМАЛӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**ДУШАНБЕ – 2025**

**Диссертатсия дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Раҷабзода Равшан Муҳитдин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | **Кенҷаев Шуҳратҷон Юсуфович** – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе) |

Ҳимояи диссертатсия санаи 10 феврали соли 2026, соати 10:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, e-mail: dstsubp@mail.ru рақами телефони котиби илмӣ: (+992)921115990.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавасути сомонаи http//www.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» __________ соли 202__ тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодирзода М.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ба шумораи категорияҳои асосии илмҳои ҳуқуқшиносӣ институти принсипҳои ҳуқуқӣ дохил мегардад, ки аҳаммияти онҳо барои рушду такомули назарияи давлат ва ҳуқуқ бебаҳс аст. Принсипҳои мазкур дорои табиати ахлоқию маънавӣ буда, дорои аҳаммияти танзимкунанда мебошанд ва ҳамчун пайванди консептуалӣ байни дарки фалсафии ҳуқуқ ва тафсири доктриналии он хизмат мекунанд. Дар ин принсипҳо, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сохтори илми ҳуқуқшиносӣ мебошанд, на танҳо идеяи ҳуқуқ, балки арзишҳои он низ инъикос меёбанд. Онҳо моҳияти ҳуқуқро дар шакли умумитарини он ифода намуда, асоси консептуалиро барои таҳияи меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ фароҳам меоранд ва ба ташаккули низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Татбиқи ҳуқуқ низ ба ҳамин принсипҳо асос меёбад, ки онҳо дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ифодаи худро пайдо мекунанд. Дар натиҷа, ин принсипҳо на танҳо пайдарҳамӣ ва устувории танзими меъёриро таъмин мекунанд, балки мувофиқати онро бо талаботи асосии қонуният низ кафолат медиҳанд.

Бо дарназардошти аҳаммият, зарурат ва мубрамияти ҳамешагӣ принсипҳои ҳуқуқ доиман мавзуи таҳқиқи натанҳо назарияшиносони ҳуқуқ, балки намояндагони самтҳои дигари илми ҳуқуқшиносӣ низ қарор гирифта буданд. Дар назарияи ҳуқуқ, принсипҳо ҳамчун ғояҳо ё фикрҳое фаҳмида мешаванд, ки бояд дар қонунгузорӣ ва татбиқи амалии ҳуқуқ таҷассум гарданд. Дар доираи назарияи ҳуқуқ онҳо одатан ҳамчун ғояҳо ё мафҳумҳои асосӣ (ба монанди демократия, инсондӯстӣ, қонуният, адолат) фаҳмида мешаванд, ки бояд дар қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқшавӣ ифода ёбанд. Ҳамзамон таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки мазмуни онҳо доимо яксон набудааст. Дар амалияи ҳуқуқӣ принсипҳои ҳуқуқ бисёр вақт хусусияти эъломиявӣ дошта бештар дар муқаддимаҳо ва муқаррароти муқаддимавии қонунҳо ва дигар

санадҳо зикр мешуданд, ки ин ба онҳо бештар мазмуни иҷтимоию сиёсӣ, на аҳаммияти ҳатмии ҳуқуқӣ мебахшид.

Баръакс, таҷрибаи низомҳои демократии ғарбӣ ва амалияи танзими байналмилалӣ ва фароміллӣ муносибати дигарро нишон медиҳанд: дар ин ҷо хусусияти воқеан меъёрии принсипҳои ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Ин дар он зоҳир мегардад, ки ба меъёрҳои дақиқи ҳуқуқӣ, ки аз ин принсипҳо бармеоянд, афзалият дода мешавад ва онҳо метавонанд ҳамчун асоси мустақими ҳуқуқӣ барои қабули қарорҳои судӣ хизмат намоянд.

Солҳои охир низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти таъсириислоҳотҳои назаррас қарор гирифта, торафт қатъитар ин усули методологиро татбиқ менамояд. Далели равшани ин тағйирот самти фаъолияти Суди конститутсионист, ки мавқеъҳои ҳуқуқӣ ва асосноккуниҳои он ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шудаанд. Ин раванд на танҳо як ислоҳи техникиро ифода мекунад, балки нишондиҳандаи бознигарии амиқи тафаккури ҳуқуқӣ мебошад, ки амалияи муосирро аз мавқеҳои анъанавӣ, ки дар назарияи ҳуқуқии миллӣ ва муҳити илмии академӣ солҳои зиёд реша давондаанд, фарқ мегардонад.

Мухолифат байни тафсири назариявии принсипҳои ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқии миллӣ ва нақши воқеии танзимкунандаи онҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ яке аз масъалаҳои муҳим ва дорои аҳаммияти назариявии баландест, ки пешорӯи илми ҳуқуқии муосир қарор дорад. Ҳалли ин ихтилоф дорои аҳаммияти бунёдӣ мебошад, зеро он барои нигоҳ доштани ҳамоҳангии дохилӣ ва тамомияти низомии тартиботи ҳуқуқии миллӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Илова бар ин, он ба самаранокӣ ва сифати фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ таъсири мустақим расонида, ба таҳкими нуфузи ҳуқуқ ҳамчун институти асосии ташкилоти иҷтимоӣ ва идораи давлатӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳое, ки дар диссертатсияи мазкур баррасӣ шудаанд, умуми ба ҳисоб

рафта, дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ мавриди барраси қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, Зоир Ҷ.М., Бобоҷонзода И.Х. [41, с.112], Буризода Э.Б. [14, с.121], Достиев А.С. [16, с.92], Искандаров З.Х. [48, с.44-45 ва 50], Камолов И.И. [17-18, с.9], Маликова А.Ҳ. [59, с.28], Мансуров У.А. [50, с.170], Муллоев Д.М. [27, с.75], Нематов А.Р. [28, с.4], Раҷабов С.А. [36, с.173 ва 178], Шарофзода Р.Ш. [37, с.85], Тоҳиров Ф.Т. [40, с.81, 83, 107, 103, 107, 111-112] ва дигарон, инчунин асарҳои назариячиёни ҳуқуқи рус С.С. Алексеев [5-10, с.99, 239, 108-109], М.И. Байтин [12-13], В.К. Бабаев [11], В.В. Болгов [56, 46, с.17], В.М. Ведяхин [15, 126, с.10], Р. Дворкин [47], В.В. Лазарев [19, 186], Е.А. Лукашев [49, с.22-23], О.Э. Лейст [20], В.В. Малтсев [60, с.247], О.В. Мартишин [51, с.5-16], М.Н. Марченко [21-23], Н.И. Матузов [24-25], Л.А. Морозов [26], В.С. Нерсесянс [29-33], П.Е. Недбайло [51-53, с.14], А.С. Пиголкин [34], С.В. Поленина [35, с.165], А.В. Поляков [54], О.В. Смирнов [39, с.11], Е.В. Скурко [38, с.3], В.А. Четвернин [42-43], Л.С. Явич [44, 45, с.43] ва дигарон дар таҳқиқоташон ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсияи мазкур диққат додаанд.

Ба принсипҳои ҳуқуқ дар адабиёти таълимию илмӣ оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳаммияти зарурӣ дода мешавад. Масъалаи мазкур ба таври доимӣ дар китобҳои дарсӣ ва курсҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, бобҳои марбута дар таҳқиқотҳои маҷмуии назарии рисолавӣ мавҷуданд, асарҳои махсус ба принсипҳои ҳуқуқ бахшида шудаанд. Таваҷҷуҳи зиёдро ба пажуҳиши принсипҳои ҳуқуқ намояндагони илмҳои соҳавии ҳуқуқ зоҳир менамоянд. Ба муҳокимаи ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мазкур конфронсҳои бонуфузи илмӣ ва асарҳои бузурги дастаҷамъӣ низ бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ин, кӯшишҳои ҳамаҷониба ба ташаккули тасаввуроти умумӣ оид ба принсипҳои ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик бенатиҷа анҷом меёфт.

«Норавшан будани тасаввуроти умуминазарӣ дар бораи принсипҳои ҳуқуқ ба илмҳои соҳавии ҳуқуқӣ низ таъсири

худро гузоштааст. Дар бисёр мавриди ба сифати принсипҳои соҳавии ҳуқуқ дар сатҳи назарӣ баррасӣ мешавад ва дар қонунгузории амалкунанда категорияҳои тамоман гуногунҷанба дарҷ мегарданд. Дар баробари ин маҳз дар таҳқиқотҳои соҳавии ҳуқуқ баъзе аз принсипҳои муҳимтарини ҳуқуқ ба таври муфассал таҳия шудаанд (эҳтимолияти бегуноҳӣ, бовиҷдонӣ)» [36, с.173].

Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар тафсири принсипҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои ворид намудани онҳо ба қонунгузорӣ ихтилофҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Ин ихтилофҳо зарурати омӯзиши мунтазами ҳам равишҳои назариявӣ оид ба консептуализатсияи онҳо ва ҳам механизмҳои ҳуқуқиро, ки тавассути онҳо ин принсипҳо татбиқ мегарданд, тасдиқ менамоянд. Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосии ин таҳқиқот дар тавзеҳи табиати ҳуқуқии ин принсипҳо ва нишон додани аҳаммияти низомии онҳо барои сохтори умумии танзими ҳуқуқӣ ифода меёбад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - «Ҳолати кунунӣ, самтҳои асосӣ ва дурнамои инкишофи низоми давлатию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пойдории истиқлолияти давлатӣ (сс. 2013-2017)» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Бо дарназардошти аҳаммияти мушкили ошкоргардида, яъне мухолифати байни тафсири доктриналии принсипҳои ҳуқуқӣ ва вазифаи воқеии танзимкунандаи онҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мақсади асосии ин диссертатсия аз гузаронидани таҳқиқоти мураккаби назариявию амалии принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун пояи сохторӣ ва консептуалии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон иборат мебошад. Ин таҳқиқот ба муайян намудани аломатҳои моҳиятии принсипҳои ҳуқуқ, таҳлили мазмуни консептуалӣ ва арзишии онҳо, инчунин арзёбии дараҷаи самаранокии татбиқи онҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ равона карда шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои зикршуда, вазифаҳои зерин пеш гузошта шудаанд:

– муайян намудани асосҳои назариявию методологии таҳқиқот тавассути ошкор сохтани хусусиятҳои муҳимми принсипҳои ҳуқуқӣ, таҳлили интиқодии равишҳои методологие, ки дар омӯзиши онҳо истифода мешаванд, ва дақиқсозии дастгоҳи консептуалӣ, ки барои фаҳмиши ҳамаҷонибаи онҳо зарур аст;

– муайян намудани мавқеи принсипҳои ҳуқуқӣ дар низоми категорияҳои ҳуқуқӣ бо роҳи ошкор сохтани нишонаҳои фарққунандаи онҳо ва таҳияи меъёрҳои возеҳи фарқгузорӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, муқаррароти амрӣ ва дигар воситаҳои меъёрӣ;

– ташаккули намунаи низомӣ ва раддабандии принсипҳои ҳуқуқӣ бо нишон додани мантиқи дохилӣ, сохтори раддабандӣ ва робитаи низомии онҳо;

– ошкор ва омӯзиши шаклҳои беруна ва сарчашмаҳое, ки тавассути онҳо принсипҳои ҳуқуқӣ ифода ва мустаҳкам мегарданд, аз ҷумла механизмҳои кодификатсия, ифодаи қонунгузорӣ ва тафсири доктриналии онҳо;

– арзёбии вазифаи меъёрӣ ва танзимкунандаи принсипҳои ҳуқуқӣ дар таъмини ҳамоҳангӣ, ягонагӣ ва самаранокии низоми танзими ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи зуҳурот ва татбиқи соҳавии принсипҳои умумии ҳуқуқ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, бо таъкид ба вазифаи мутобиқшаванда ва аҳаммияти тафсирии онҳо;

– асоснок намудани нақши принсипҳои ҳуқуқӣ дар назорати конститутсионӣ ва муайян намудани аҳаммияти онҳо дар арзёбии конститутсионӣ ва ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот низоми миллии ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ мебошад, ки тавассути мавқеъ, сохтор ва вазифаи принсипҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ принсипҳои ҳуқуқ, инчунин принсипҳои умумэътирофи ҳуқуқ ҳамчун асосҳои умумӣ, универсалӣ, меъёрию раҳнамоикунанда, ки ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ доранд мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур омӯзиши принсипҳои ҳуқуқ дар асоси қонунгузории навини Тоҷикистон дар бар гирифта аз марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иборат мебошад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2012-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назарии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ Зоир Ҷ.М., Бобоҷонзода И.Х., Буризода Э.Б., Достиев А.С., Искандаров З.Х., Камолов И.И., Маликова А.Ҳ., Мансуров У.А., Муллоев Д.М., Нематов А.Р., Раҷабов С.А., Шарофзода Р.Ш., Тоҳиров Ф.Т. ва дигарон, инчунин асарҳои назариячиёни ҳуқуқи рус С.С. Алексеев, М.И. Байтин, В.К. Бабаев, В.В. Болгов, В.М. Ведяхин, Р. Дворкин, В.В. Лазарев, Е.А. Лукашев, О.Э. Лейст, В.В. Малтсев, О.В. Мартишин, М.Н. Марченко, Н.И. Матузов, Л.А. Морозов, В.С. Нерсесянс, П.Е. Недбайло, А.С. Пиголкин, С.В. Поленина, А.В. Поляков, О.В. Смирнов, Е.В. Скурко, В.А. Четвернин, Л.С. Явич ва дигарон ташкил намуданд.

**Асосҳои методологии таҳқикот.** Асоси методологиии ин рисола бар ҳамгироии равишҳои умумиилмӣ: диалектикӣ, сохториву функсионалӣ ва мантиқиву расмӣ - бо усулҳои

махсуси ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ ва ҳуқуқшиносии догматикӣ асос ёфтааст.

Ҳангоми ташаккули асоси консептуалии низоми принсипҳои ҳуқуқӣ ба равиши сохториву функсионалӣ диққати махсус дода шудааст, ки он имкон дод, то созмони дохилии низом ошкор ва нақши ҳар як принсип дар таъмини якпорчагӣ ва ваҳдати тартиботи ҳуқуқӣ асоснок карда шавад.

Бо истифодаи равиши мантиқиву расмӣ дар ҷараёни таҳқиқот нуқтаҳои назари гуногуни доктриналӣ оид ба муайян ва дарк намудани принсипҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамоҳангии дохилии онҳо муайян ва ихтилофҳои эҳтимолӣ дар тафсири илмии онҳо бартараф карда шуданд.

Фарқиятҳои соҳавӣ ва ҷанбаҳои муқоисавии татбиқи принсипҳои умумии ҳуқуқ тавассути таҳлили ҳуқуқии муқоисавӣ ошкор гардида, ин имкон дод, ки арзёбии байнисоҳавӣ ва ҷойгиркунии амалияи ҳуқуқии Тоҷикистон дар доираи васеи юриспруденсияи муосир амалӣ гардад.

Ниҳоят, тафсири низомноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо истифодаи таҳлили ҳуқуқшиносии догматикӣ анҷом дода шуд, ки он ба муайян намудани дараҷаи кодификатсияи принсипҳои ҳуқуқӣ, пайгирии ифодаи берунии онҳо ва арзёбии нақши онҳо дар фаъолияти ҳуқуқи позитивӣ мусоидат намуд.

Ин синтези методологӣ кафолат медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо бо амиқии назариявӣ ва ягонагии мантиқӣ ноил мегардад, балки натиҷаҳои он дорои аҳаммияти амалӣ барои рушди минбаъда ва муосирсозии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионии мазкур Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои якҷояи

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми ҳуқуқи ватанӣ принсипҳои ҳуқуқ аз дидгоҳи мазмун ва фаъолияти муосири онҳо дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба таври ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд. Бар хилофи равишҳои қаблӣ, ки асосан ба тафсири доктриналӣ такя мекарданд, ин таҳқиқот ба қонунгузории нави миллӣ ва таҷрибаи амалии ҳуқуқии замонавӣ асос ёфтааст. Ин имкон дод, ки принсипҳои ҳуқуқ на танҳо ҳамчун категорияи назариявӣ, балки ҳамчун танзимгари самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз инҳо иборат аст:**

1. Принсипҳои ҳуқуқ чун ғояҳои бунёдии ҳуқуқӣ, ки моҳияти ҳуқуқро ифода ва мундариҷаи онро муайян мекунанд, дар қонунгузорӣ дар ин ё он шакл бояд дарҷ шаванд. Аз ин ҷиҳат таҳти мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ дастурамалҳои умумӣ, объективӣ, бунёдӣ ва меъёрии ҳуқуқие (оғоз, талабот, ҳатмӣ будан ва ғ.) фаҳмида мешавад, ки раванди умумии танзими ҳуқуқӣ ва сифату самаранокии баланди таҷрибаи ҳуқуқиро (ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ғ.) муайян месозад.

Принсипҳои ҳуқуқ барои ҳамаи низомҳои ҳуқуқии миллии дунё умумианд. Таҳким ва амалӣ намудани онҳо метавонад хусусиятҳои миллӣ дошта бошад (аз ҷумла, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва ғ.).

Принсипҳои ҳуқуқ тавассути ворид шудан ба ҳуқуқи амалкунанда хусусияти воқеӣ ва объективӣ мегиранд. Онҳо бо ин роҳ аҳамияти умумӣ ва ҳатмӣ касб мекунанд. Шаклҳои зоҳирии ифодаи онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои судҳо ва инчунин назарияи ҳуқуқ мебошанд. Аммо худи принсипҳои ҳуқуқ наметавонанд бевосита ҳамчун шакл ё манбаи мустақили ҳуқуқ баррасӣ шаванд.

Принсипҳои ҳуқуқ маҷмуан дар амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ инъикос ёфтаанд. Баъзе аз он дар нуктаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ (масалан, принсипҳои авлавият доштани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, баробарӣ дар назди қонун, ҷавобгарӣ барои кирдори гунаҳгорона) ифода ёбанд, баъзеи дигар дар шакли пӯшида дар қонунҳо (масалан, принсипи этиқодмандӣ ва маҷбурият, тавъам кардани ҳавасмандсозӣ ва маҳдудиятҳо) баён гардидаанд. Ба назари мо қонунгузор бояд кӯшиш кунад, то ҳамаи принсипҳои махсуси ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда бисёр дақиқ дарҷ шаванд.

2. Ҳарчанд номгӯйи пурраи принсипҳои ҳуқуқро тартиб додан номумкин аст, муҳим аст, ки шумораи воқеии онҳо муайян ва ба тартиб даровarda шавад. Тасниф ё гурӯҳбандӣ ба фаҳмидани моҳияти ҳар як принсип кӯмак мекунад ва имкон медиҳад, ки тамоми системаи принсипҳои ҳуқуқ равшан тасвир шавад. Дар илми ҳуқуқ то ҳол ягонагии назар дар бораи миқдор ва мазмуни принсипҳо вуҷуд надорад. Вобаста ба ин таснифи ягонаи умумэътирофшудаи принспиҳо низ ҷой надорад. Дар китобҳои илмӣ гурӯҳбандии гуногун пешниҳод мешавад, ки бо ҳам пурра мувофиқ нестанд. Ҳамаи ин гурӯҳбандиҳо нисбӣ мебошанд, зеро бо пешрафти илм онҳоро метавон дақиқтар ва мукаммалтар сохт.

3. Дар мавриди ворид намудани шартномаҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ, барои таъмини фаъолияти дурусти онҳо якчанд равишҳои самаранок вуҷуд

доранд: қабули қонуни махсус, ки танҳо ба татбиқи шартномаи байналмилалии тасдиқнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст; ё ворид намудани тағйиру иловаҳои мунтазам ба қонунгузории амалкунанда бо ҳадафи ҳамон натиҷа. Ҳамчунин, ворид намудани истинодҳои возеҳ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар қонунҳои миллӣ имкон медиҳад, ки ҳамзамон меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ татбиқ шаванд. Ба илова, ворид намудани муқаррароти махсус ба қонунгузории миллӣ, ки бартарии меъёрҳои шартномаи байналмилалиро дар ҳолати ихтилоф бо қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ муқаррар менамояд, низ аз ҷумлаи воситаҳои муассир мебошад. Принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиро дар доираи ҳуқуқи позитивӣ инъикос менамоянд. Онҳо ҳамчун консепсияи умумии асосӣ барои ду ё зиёда соҳаҳои ҳуқуқ амал карда, самт, моҳият ва ҳадафи иҷтимоии танзими ҳуқуқиро муайян месозанд.

4. Принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ маҷмӯи императивҳои фарогир ва низомсоз мебошанд, ки ҳамоҳангии доктриналӣ ва функсионалии низоми ҳуқуқиро дар маҷмӯъ таъмин месозанд. Ин принсипҳо аз ҳудуди соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ берун рафта, ҳамчун сохторҳои танзимкунанда амал мекунанд, ки механизмҳои таъсири ҳуқуқиро ҳам дар соҳаи ҳуқуқи оммавӣ ва ҳам ҳуқуқи хусусӣ ҳамоҳанг месозанд. Аз нигоҳи моҳияти консептуалӣ ва меъёрии худ, принсипҳои ҳуқуқӣ бояд аз институтҳои соҳавӣ, ҳуқуқҳои субъективии аз лиҳози конститутсионӣ кафолатёфта, меъёрҳои иҷтимоию иқтисодии стандартӣ ва постулатҳои назариявии умумии илми ҳуқуқ фарқ карда шаванд.

Ба принсипҳои байнисоҳавӣ чунин меъёрҳои муҳим шомил мешаванд, аз ҷумла: озодии шартнома, ки маънои муайян намудани мустақилонаи шартҳои созишнома аз ҷониби тарафҳоро дорад; принсипи ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон ва ҳуқуқи моликият; озодӣ ва ихтиёрии меҳнат; презумпсияи бегуноҳӣ (принсипе, ки мувофиқи он ҳар шахс

бегуноҳ шуморида мешавад, то замоне ки гунаҳгории ӯ исбот нагардад); эътироф ва баробарии ҳамаи шаклҳои моликият; манъи меҳнати маҷбурӣ; принсипи диспозитивӣ (имкони мустақилонаи тарафҳо барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ дар доираи қонун); инчунин кафолатҳои асосии мурофиавӣ, ки истифодаи забони давлатӣ дар мурофиаҳои судӣ, мубоҳисавии мурофиа (ҳуқуқи тарафҳо барои пешниҳод ва рад кардани далелҳо дар шароити баробар) ва коллегиалӣ будани қабули қарорҳои судӣ (баррасии дастаҷамъонаи парвандаҳо аз ҷониби ҳайати судӣ)-ро дар бар мегиранд.Дар маҷмӯъ, ин принсипҳо асоси меъёриро ташкил медиҳанд, ки ягонагӣ ва тавозуни дохилии тартиботи ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Механизми татбиқи принсипҳои байнисоҳавӣ дар доираи ду ченаки ба ҳам вобаста - объективӣ ва субъективӣ амал мекунад, ки ҳар кадоми онҳо вазифаи алоҳида, вале бо ҳам вобастабудаи танзимкунандаро иҷро менамоянд.

Дар доираи ченаки объективӣ, принсипҳо шакли институтсионалӣ ва меъёрӣ мегиранд: онҳо сохтори низоми ҳуқуқиро муайян намуда, муносибати раддабандии сарчашмаҳои ҳуқуқро танзим мекунанд ва сарҳадҳои салоҳиятии мақомотҳои қонунгузор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судиро фарқгузорӣ менамоянд. Бо ин мазмун, онҳо вазифаи таъсисдиҳандаро иҷро мекунанд, ки устуворӣ ва пешбинишавии тартиботи ҳуқуқиро таъмин месозад.

Дар соҳаи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, самти арзёбии субъективӣ тавассути принсипҳои ҳуқуқӣ таҷассум меёбад, ки онҳо ҳамчун меъёрҳои назариявӣ ва аксиологӣ амал намуда, ташаккули шуури ҳуқуқӣ, чорчӯби методологии тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, ва ягонагӣ ва устувории низомии фаъолияти судӣ ва маъмуриро таъмин мекунанд. Дар ин ҷо онҳо ҳамчун танзимгарони меъёрӣ амал карда, ба раванди татбиқи ҳуқуқ самти арзишманд ва ҳадафманд медиҳанд ва мутобиқати онро ба идеалҳои умумии адолат ва қонуният таъмин менамоянд.

Дар маҷмӯъ, ин ду ченак кафолат медиҳанд, ки принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ на танҳо ягонагии сохторӣ ва мантиқи меъёрии низоми ҳуқуқиро муайян мекунанд, балки инчунин заминаи амалӣ фароҳам меоранд, ки дар он ягонагӣ, мутобиқшавандагӣ ва қонуният дар муҳити иҷтимоию ҳуқуқии тағйирёбандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Аҳаммияти назариявии ин рисола дар саҳми фарогир ва низомнокии он ба рушди илми ҳуқуқи миллӣ ва амиқ гардондани дарки назариявии категорияҳои асосии назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ифода меёбад. Дар таҳқиқот асосҳои назариявӣ, ки бо консепсия, сохтор ва нақши функсионалии принсипҳои ҳуқуқӣ вобастаанд, дақиқ ва бознигарӣ шудаанд, инчунин андешаҳои илмии мавҷуда оид ба механизмҳои татбиқи онҳо систематизатсия мегарданд. Натиҷаҳои бадастомада заминаи назариявӣ ва методологии ҳуқуқшиносии муосирро васеъ менамоянд, ки барои таҳқиқоти минбаъда дар самти таъсири мутақобилаи принсипҳои умумӣ, байнисоҳавӣ ва соҳавии ҳуқуқ асос мегузоранд.

Равишҳои методологие, ки дар ин таҳқиқот таҳия шудаанд, хусусияти умумӣ доранд ва метавонанд на танҳо дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ, балки дар таҳқиқоти соҳавӣ ва байнисоҳавӣ низ татбиқ шаванд. Ин, дар навбати худ, ба ҳамгироии илми ҳуқуқ бо дигар соҳаҳои илмҳои гуманитарӣ мусоидат намуда, ба ташаккули муҳити илмии ягона ва ҳамоҳанг замина фароҳам меорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои он барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, самараноки амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои шахс истифода бурда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омода намудани хулосаҳои

таҳлилӣ ва экспертизаҳои ҳуқуқӣ, инчунин дар раванди таълимии донишгоҳҳои ҳуқуқшиносӣ барои баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбии донишҷӯён ба кор бурда шаванд.

Ғайр аз ин, таҳлили гузаронидашуда дар рисола имкон дод, ки самтҳои умедбахши таҳқиқоти минбаъда муайян карда шаванд ва мушкилоти калидии консептуалие, ки ҳам тафсири назариявӣ ва ҳам ҳалли амалиро талаб мекунанд, дар заминаи муосирсозӣ ва рушди пешрафтаи низоми ҳуқуқии миллӣ возеҳ гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар мақолаҳои тақризшаванда ва илмӣ, ҳамчунин, дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расида ва услуби навишти махсуси диссертант асоснок карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назарӣ-амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/4 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллифи диссертатсия буда, асосноккунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро мавзуъ ва услуби диссертатсия низ гувоҳӣ медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардида, дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзу дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва дигар нишастҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд, аз ҷумла дар:

а) байналмилалӣ:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсияи санади ҳуқуқӣ-сиёсии рушди давлатдории миллӣ» бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ», дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромад дар мавзуи «Конститутсия ҳамчун санади созишӣ ва ҷамъбасти ташаккули қонунгузорӣ», ш.Душанбе 25 октябри соли 2024;

б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши ҷавонон дар ҳалли мушкилоти муҳим дар манзари ҷаҳонишавӣ», дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Тоҷикистон, баромад дар мавзуи «Принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофи (ҳамагонии) ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон» (Душанбе, 19-21 майи соли 2014);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли маърифати ҳуқуқӣ, дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромад дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш.Душанбе 12 апрели соли 2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони ватанӣ дар ташаккул ва рушди илму маърифати ҳуқуқӣ» бахшида ба ифтихори рӯзи Ваҳдати миллӣ, соли маърифати ҳуқуқӣ ва 85-солагии академик Фозил

Тоҳиров, дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромад дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқ дар асарҳои академик Фозил Тоҳиров», ш.Душанбе 21 июни соли 2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккулёбӣ, рушд ва дурнамо» бахшида ба 30-солагии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромад дар мавзуи «Ҳокимияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд», ш.Душанбе 25 феврали соли 2025.

Мақолаҳои интишорнамудаи унвонҷӯ дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯи «Принсипҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назарӣ-амалӣ» гузаронидашударо дар бар мегиранд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар 15 мақола дар маҷаллаҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Маҷаллаи академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Силсилаи «Илмҳои ҳуқуқшиносӣ»), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида инчунин маҷаллаҳои «Мир политики и социологии» (Санкт-Петербург, Русия), Паёми Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон, маҷаллаи «Ахборот»-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ нашрияҳое, ки КОА Вазорати маориф ва илми Русия эътироф кардааст, ба табъ расида, дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Мавод ва хулосаҳои диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар фаъолияти касбии ӯ, инчунин дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамал оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳии навъҳои алоҳидаи фаъолият», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби истифодаи суратгирӣ ва филмбардорӣ ва дигар усулҳои фосилавии таҳқиқи замин аз тариқи ҳавопаймо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузаронидани тафтишот, таснифот ва сабти ҳодиса ва садамаҳои ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Рӯйхати санадҳои меъёрӣ барои гирифтани иҷозатнома бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, мавриди истифода қарор гирифтааст. Муаллиф илова ба ин, боз манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро дар Суди иқтисодии шаҳри Душанбе ва Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ кардааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот аз ҷумла ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 179 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

## МАЗМУНИ МУХТАСАРИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва

методологии он ошкор, инчунин муқаррароти илмӣ, ки ба объект ва предмети таҳқиқот дахл доранд, нишон дода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Мафҳум ва моҳияти принсипҳои ҳуқуқ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якуми боби якум, ки «Шинохти муосири ҳуқуқ ва мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ»** ном дорад, ки дар он ақидаҳо ва назарияҳои гуногуни илмӣ дар бораи принсипҳои ҳуқуқ, аз ҷумла тафсири (шинохти) муосири мафҳуми «ҳуқуқ» мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудаанд.

«Шинохти муосири ҳуқуқи табиӣ аз тафсирҳои пешин моҳиятан фарқ мекунад. Дар муқоиса бо замони инқилобҳои зиддифеодалӣ, пеш аз ҳама, ақидаҳо дар бораи инсон ҳамчун ҳомили ҳуқуқҳои табиӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтанд (моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Баръакси назарияҳои пешин, ки тасаввуротро дар бораи фарди мунзавӣ (гӯшагир) аз ҷомеа асос медонист, фалсафа ва ҳуқуқшиносии қарни XX инсонро аз назари мавқеи иҷтимоии вай ҳамчун шарики робитаҳои гуногуни ҷамъиятӣ арзёбӣ мекунанд. Ба феҳристи ҳуқуқҳои табиӣ на танҳо ҳуқуқҳои ҷудонопазири шахс, ки мустақилияти ӯро аз ҳокимияти давлатӣ кафолат медиҳанд, дохил мешаванд, балки ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон, озодии узвият дар ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқҳои гурӯҳҳои мушаххаси иҷтимоӣ (масалан, ҳуқуқи миллат ба худмухторӣ, ҳуқуқи халқ ба муқаррар намудани конститутсияи давлат ва м. ин) низ шомил мебошанд. Таълимоти навтарини табиӣ-ҳуқуқӣ бо назарияҳои давлати иҷтимоӣ ва демократияи плюралистӣ ҳампайванд аст» [12-М].

Дар илми ҳуқуқи муосир созиши назариявӣ дар бораи табиати онтологиии принсипҳои ҳуқуқӣ мавҷуд аст: онҳо на ҳамчун сохторҳои ихтиёрии ҳокимияти қонунгузор, балки ҳамчун инъикоси воқеияти объективии меъёрӣ, ки сохтори дохилии низоми ҳуқуқиро муайян менамояд, баррасӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, принсипҳои ҳуқуқӣ ин меъёрҳои устувор

ва умумӣ мебошанд, ки ба мантиқ ва моҳияти дохилии худи ҳуқуқ дохиланд ва аз ирода ё тағйироти муваққатии сиёсӣ вобаста нестанд. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз чунин фаҳмиши умумӣ, илми ҳуқуқ то ҳол вобаста ба номгӯйи чунин принсипҳо ба созиши умумӣ нарасидааст. Кӯшишҳои олимон барои систематизатсия ё номбар кардани онҳо ихтилофоти ҷиддиро ошкор месозанд, ки аз фарқиятҳои методологӣ, заминаҳои идеологӣ ва дидгоҳҳои гуногун дар бораи моҳияти худи ҳуқуқ сарчашма мегиранд. Ҳар як равияи илмии ҳуқуқшиносӣ системаи принсипҳои хос ва тарзи фаҳмиши худро дорад, вобаста ба он ки чӣ гуна ҳақиқат ва маънои ҳуқуқро мефаҳмад ва чӣ чизро дар таҳлил муҳим мешуморад.

«Принсипҳо ҳамчун такягоҳи ёрирасон амал мекунанд, ки дар асоси онҳо на танҳо меъёрҳо, институтҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ, балки тамоми низоми ҳуқуқ дар маҷмӯъ ташаккул меёбад» [34, с. 321].

Ҳангоми ҳамгироии анъанаҳои гуногуни доктриналӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ метавонанд ҳамчун низоми иерархӣ сохторёфтаи постулатҳои асосии ҳуқуқӣ муайян карда шаванд, ки мазмуни моҳиятӣ ва самтгирии арзишии тартиботи ҳуқуқиро ифода менамоянд. Онҳо ҳамчун омилҳои меъёрӣ амал мекунанд, ки ба пайдоиш, тафсир ва татбиқи ҳуқуқи позитивӣ таъсир расонда, мутобиқати онро ба идеалҳои умумии адолат, қонуният ва шаъну шарафи инсон таъмин месозанд.

Дар ченаки моддии худ, ин принсипҳо асоси моддӣ ва арзишшинохтии волоияти ҳуқуқро ташкил медиҳанд, ки ягонагӣ ва пешгӯишавандагии танзими ҳуқуқиро таъмин намуда, аз худсарии амалкарди ҳокимияти давлатӣ пешгирӣ мекунанд. Фаъолияти низомноки мунтазами ин принсипҳо ҳамоҳангии низоми меъёриро таъмин намуда, қонуният ва эътибори татбиқи ҳуқуқро тавассути ҳамбастагии қонунияти расмӣ ва адолати моддӣ таъмин месозад. Ин ҳамгироии қонун

ва адолат асоси устувор ва боэътимоди низоми ҳуқуқии одилона ба ҳисоб меравад.

**Зербоби дуюми боби якум «Шаклҳои ифодаи принсипҳои ҳуқуқ»** номгузорӣ шудааст, ки бисёр ҳуқуқшиносони назариядон ба мафҳуми принсипи ҳуқуқ, таҳияи моделҳои мухталифи таснифоти принсипҳои меъёрӣ-дастурӣ диққати зиёд додаанд, вале боз ҳам ба масъалаи ифодаи принсипҳои ҳуқуқ таваҷҷуҳи хосе зоҳир накардаанд. Вобаста ба ин масъалаи мавриди назар хеле мубрам мебошад.

Принсипҳои ҳуқуқ, ки дар Бобҳои 1 ва 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, аҳаммияти хосе доранд ва ин ба он маъност, ки тағйироту иловаҳо даровардан ба ин бобҳо манъ аст ва онҳо бо тартиби муайян аз нав дида баромада мешаванд (боби 10). Тағйирот ворид кардан ба муҳтавои принсипҳои мазкур метавонад тамоми системаи ҳуқуқии кишвари моро таҳрик диҳад. Ба ҷумлаи принсипҳои мазкур инҳо дохил мешаванд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад (моддаи 1), Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад (қисми 3 моддаи 1), ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд (қисми 2 моддаи 5), таҷзияи ҳокимияти давлат» (моддаи 9), иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд (қисми 4 моддаи 8), маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад (қисми 3 моддаи 14), принсипҳои баробарӣ (моддаи 17), башардӯстӣ (моддаи 18), презумпсияи бегуноҳӣ» (моддаи 20) [1].

Феҳристи принсипҳои ҳуқуқ ва равшан намудани мазмуни он дар ҳуҷҷатҳои кодификатсияшуда саҳеҳ ба назар

мерасад, зеро он дар кодексҳои ҷиноӣ, мурофиавии ҷиноӣ, мурофиавии маданӣ ва мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баён мегардад. Дар Кодекси маданӣ ошкор кардани моҳияти принсипҳои ҳуқуқ дар моддаҳои алоҳида ба мақсад мувофиқ аст.

Таҳлили интиқодии равишҳои илмии мавҷуда оид ба муайян кардани шакли вуҷуд (табиати ҳуқуқӣ)-и принсипҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки чунин хулоса бароварда шавад: шакли воқеӣ ва муассири амалисозии принсипи ҳуқуқӣ дар таҷассум ёфтани он дар шакли меъёри ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Ин фарқият имконият медиҳад, ки падидаҳои марбут, аз қабили принсипҳои шуури ҳуқуқӣ дар доираи мавқеъҳои доктриналӣ, анъанаҳои ҳуқуқӣ ва муқаррароти ҳосилаи меъёрӣ ба таври дуруст ҷудо ва гурӯҳбандӣ карда шаванд. Баръакс, принсипҳои илми ҳуқуқшиносӣ бояд ҳамчун сохторҳои назариявӣ, ки характери мустақими меъёрӣ надоранд, баррасӣ шаванд.

**Зербоби сеюми боби якуми диссертатсия «Таҳкими принсипҳои ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 1-уми Конститутсия, ки бо ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ (раъйпурсии умумихалқӣ) қабул гардидааст, «давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаву иҷтимоӣ эълон гардида, озодии виҷдон ва эътиқод» [55] дар қатори дигар ҳуқуқу озодиҳои асосӣ бо кафолатҳои конститутсионӣ таъмин шудааст.

«Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул ва эълон шудааст, мисли бисёр конститутсияҳои кишварҳои дигар ғояҳои пешқадами иҷтимоӣ-сиёсӣ ва принсипҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро дар меъёрҳои ҳуқуқии худ таҷассум карда (ба монанди волоияти қонун, принсипи таҷзияи ҳокимияти давлат, таъмини пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд

ва ғ.), мардуми Тоҷикистонро бо дастовардҳои таърихии тамаддуни муосир ошно месозанд» [40, с.81].

Ба таври хулоса бояд таъйид кард, ки принсипи баробарсозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар сатҳи байналмилалӣ қабул гардида, дар шартномаҳои муҳимми байналмилалӣ - Эъломияи умумии ҳуқуқи башари соли 1948, Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсии соли 1966 ва ғ. инъикос ёфтааст. «Ғояи таносуби ҳамоҳангии ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳоии ҳуқуқии шахс ба низоми ҳуқуқии миллӣ таҳким бахшида, онро ҳамоҳанг месозад, амали меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин мекунад ва маҷмуан самаранокии танзими ҳуқуқиро баланд мебардорад» [6-М]. Принсипи вобастагии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо дар ҳуқуқи муосир ҳамчун стандарти универсалии ҳуқуқи байналмилалии императивӣ эътироф шудааст. Ин ва дигар принсипҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардидаанд, аз ҷумла принсипҳои афзалияти санадҳои байналмилалӣ, баробарӣ дар назди қонун ва масъулият, ки ба гуноҳ асос ёфтааст.

Ҳамзамон, боз як қатор принсипҳои дигар ба қонунгузорӣ ба таври ғайримустақим ворид шудаанд. Ба мисол, метавон принсипи бовиҷдонӣ, яъне талаботи ростқавлӣ ва адолат дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, манъи маҷбуркунӣ, ва принсипи мутавозин будани ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳоро ном бурд.

Ба андешаи мо, саъю кӯшишҳои қонунгузор бояд ба самти таъмини рушди ҳамаҷонибаи ин принсипҳо ва мустаҳкам намудани возеҳ ва расмии онҳо дар қонунгузории амалкунанда равона шаванд. Ин амал имкон медиҳад, ки ҳамоҳангӣ ва эътибори низоми ҳуқуқӣ боз ҳам тақвият ёбад.

**Боби дуюми диссертатсия «Таснифи принсипҳои ҳуқуқ»** ном гирифта, аз се зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми боби дуюм, ки «Масъалаҳои таснифоти принсипҳои ҳуқуқ ва ифодаи онҳо дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад, таснифот яке аз усулҳои

омӯзиши принсипҳои ҳуқуқ мебошад, зеро маҳз он имкон медиҳад, ки манзараи томи маҷмуи принсипҳоро муаррифӣ карда, дар тавсифи нақш, ҷойгоҳ ва моҳияти ҳар як принсип ёрӣ расонда шавад.

Ҳангоми ошноии сатҳӣ бо масъалаи ишорашуда гумон меравад, ки олимон ҳама дар ин маврид комилан ҳамфикранд ва барои мубоҳисаҳои илмӣ заминае вуҷуд надорад. Ин масъала оддӣ нест ва ҳар як муҳаққиқ онро ба таври худ ҳал мекунад. Мо кӯшиш мекунем, ки ҳамаи навъҳои таснифоти принсипҳои ҳуқуқро, ки дар китобҳои илмӣ оварда шудаанд, ҷамъбаст ва тартиб диҳем, ҳамчунин қоидаҳоеро, ки барои ин истифода мешаванд, таҳлил намоем.

Зери мафҳуми принсипҳои умумӣ (умумиҳуқуқӣ) асосҳои принсипҳои роҳнамо, ки вижагиҳои умдаи ҳуқуқро дар маҷмуъ тавсиф мекунанд, фаҳмида мешуданд. Ба принсипҳои асосии умумӣ чунин принсипҳо, мисли демократия, башардӯстӣ, адолат, баробарҳуқуқӣ, робитаи зичи (ягонаи) ҳуқуқ ва ухдадориҳо, қонуният, масъулият барои гуноҳ мансуб дониста мешуд. Ҳам дар анъанаҳои ҳуқуқии миллӣ, ҳам дар анъанаҳои байналмилалӣ, ба ин принсипҳои асосӣ аҳаммияти махсус дода мешавад. Онҳо ҳамчун унсурҳои калидӣ шинохта шудаанд, ки дар ташкили сохтори низоми ҳуқуқӣ, таъмини ҳамоҳангии дохилӣ, ва пойдории меъёрӣ ва ягонагии низоми ҳуқуқ дар маҷмӯъ нақши муҳим мебозанд.

Азбаски рӯйхати пурраи принсипҳои ҳуқуқро матраҳ сохтан дар диссертатсияи мо ғайри имкон аст, ба ҳар ҳол, барои муайян кардани шумораи воқеии онҳо, тасниф ва мушаххас намудани онҳо дар низоми ҳуқуқӣ кӯшидан лозим аст. Таснифот - ин яке аз усулҳои омӯзиши принсипҳост, зеро маҳз он ба мо имкон медиҳад, ки манзараи томи тамоми низоми принсипҳоро ташкил ва дар дарки нақш, ҷойгоҳ ва моҳияти ҳар як принсип ёрӣ расонем.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ дар масъалаи номгузорӣ, мазмун ва таркиби миқдории принсипҳо ягонагӣ вуҷуд надорад ва дар натиҷа таснифоти ягонаи онҳо низ вуҷуд надорад. Дар

адабиёти илмӣ таснифҳои мухталиф тавсия карда мешавад, ки аз нигоҳи сохту мазмун ба ҳамдигар мувофиқ намеоянд. Дар марҳалаи муосири рушди илми ҳуқуқ, ҳеҷ яке аз равишҳои мавҷудаи таснифи принсипҳои ҳуқуқӣ наметавонад қатъӣ ё пурра ҳисобида шавад. Метавон танҳо як намунаи консептуалии мобайнӣ ва динамикӣ сохт, ки худи табиати он такмил ва бознигарии доимиро тақозо мекунад. Табиист, ки чунин намуна дар раванди рушди илм ба ислоҳ, бозфаҳмӣ ва густариши назаррас вобаста ба пешрафтаи илмҳои ҳуқуқӣ дучор хоҳад шуд. Гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки ҳар гуна чунин тасниф (гурӯҳбандӣ) аз рӯи моҳият кушода ва тағйирпазир (динамикӣ) аст. Яъне, онро набояд ҳамчун системаи қатъӣ ва доимӣ фаҳмид, балки ҳамчун воситаи таҳлилии чандир, ки метавонад ба талаботҳои нав ва тағйирёбандаи илми ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқӣ мутобиқ шавад.

**Зербоби дуюми боби дуюм «Принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофи (ҳамагонии) ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон»** ном гирифтааст. Дар ин зербоби таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалии ин принсипҳо ҳам дар заминаи байналмилалӣ ва ҳам дар заминаи миллии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Консепсияи принсипҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқ ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи марказӣ дорад. Дар шартномаҳо, эъломияҳо ва осори илмӣ як қатор истилоҳҳои ба ҳам алоқаманд истифода мешаванд. Дар назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ барои ифодаи асосҳои меъёрии он якчанд мафҳумҳо ба кор бурда мешаванд: принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқи байналмилалӣ, принсипҳои соҳавӣ ё махсус, принсипҳои умумэътирофшуда ва меъёрҳои императивӣ. Гарчанде ки чунин гуногунии истилоҳот фарқиятҳои равишҳои методологӣ ва дараҷаҳои гуногуни меъёриятро инъикос мекунад, дар илми ҳуқуқ назарияи устувор ба вуҷуд омадааст, ки тибқи он категорияи “принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ” дорои мафҳуми васеъ ва

ҳамгироёна мебошад. Он ҳам аксиомаҳои асосии тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам принсипҳои махсусеро, ки соҳаҳои алоҳидаи танзими байналмилалиро ба монанди ҳуқуқи башардӯстона, ҳуқуқи муҳити зист ва ҳуқуқи иқтисодии байналмилалӣ фаро мегирад, дар бар мегирад.

Аз ин нуқтаи назар, доктринаи ҳуқуқҳои табиӣ, ки таърихан тавассути луғати консептуалии принсипҳои ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, таҷассум ва татбиқи меъёрии худро дар доираи меъёрҳои умумии ҳатмии ҳуқуқи байналмилалӣ пайдо кардааст. Ин принсипҳо на ҳамчун постулатҳои ахлоқии абстрактӣ, балки ҳамчун омилҳои сохтории қонунияти байналмилалӣ, ки арзишҳои муштараки ҷомеаи байналмилалиро таҷассум мекунанд, амал менамоянд. Бо шарофати эътибори меъёрии худ, онҳо асоси ташаккул ва фаъолияти меъёрҳои ҳатмии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва бо ин васила ҳамоҳангии низомӣ, қонуният ва ягонагии ахлоқии тартиботи ҳуқуқии ҷаҳониро таъмин месозанд.

Бо мақсади таъмини ҳамкории судманд, бисёр давлатҳо сохторҳои махсусро барои татбиқи (дохил кардани) ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона дар сатҳи миллӣ (комиссияҳо, кумитаҳо, гурӯҳҳои корӣ ва ғайра) таъсис додаанд, ки барои ҳамоҳангсозии кӯшишҳои мақомоти гуногун, вазорату идораҳо дар соҳаи татбиқ, риоя ва рушди ҳуқуқи башардӯстона дар давлати дахлдор вазифадор карда шудаанд. Чунон ки дар боло қайд намудем, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 2 июли соли 1999 таҳти №277 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои самараноки уҳдадориҳои худ оид ба конвенсияҳои башардӯстона Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстиро таъсис додааст [4]. Ин мақоми доимоамалкунандаи байниидоравии машваратӣ буда, бо мақсади баррасии масъалаҳои марбут ба амалигардонии уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз конвенсияҳои Женева аз 12 августи соли 1949,

протоколҳои иловагии онҳо аз 8 июни соли 1977 ва дигар шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ бармеоянд, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи мазкур таъсис дода шудааст, ки василаи самаранок ва арзишманди мусоидат ба иҷрои ҳуқуқҳои байналмилалии башардӯстона дар сатҳи дохилидавлатӣ мебошанд.

Дар мавриди таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ, чанд равиши қонунгузории самаранок мавҷуд аст. Ба онҳо дохил мешаванд: қабули қонуни махсус оид ба татбиқи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба қонунгузории амалкунанда; дохил намудани истинодҳои мустақим ба шартномаҳои байналмилалӣ дар санадҳои ҳуқуқии дохилӣ, ки имкон медиҳад меъёрҳои ҳар ду низом ҳамзамон татбиқ шаванд; инчунин ворид намудани муқаррароти махсус ба матни қонунҳо, ки дар ҳолати ихтилофи меъёрҳо бартарии меъёрҳои шартномаҳои байналмилалиро нисбат ба қонунгузории миллӣ муқаррар менамояд. Чунин чораҳо на танҳо ҳамоҳангии заминаҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалиро таъмин мекунанд, балки инчунин иҷрои самараноки ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро кафолат медиҳанд.

**Зербоби сеюми боби дуюм «Принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ: мафҳум ва таснифот»**-ро ном дорад. Принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ маҷмӯи қоидаҳои умумие мебошанд, ки дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ татбиқ мешаванд ва асосҳои ҳуқуқи миллиро ташкил медиҳанд. Ин принсипҳо барои таъмини ягонагӣ, устуворӣ ва мутобиқат дар низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Принсипҳои байнисоҳавӣ ҳам барои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳам барои ҳуқуқи ҷамъиятӣ аҳамияти баробар доранд ва метавонанд дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаҳои

гуногун, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва дигар соҳаҳо татбиқ шаванд.

Аҳаммияти принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ аз доираи вазифаи танзимкунандаи мустақими онҳо берун меравад ва нақши васеътар: методологӣ ва низомсозонаро дар дохили тартиботи ҳуқуқӣ фаро мегирад. Ин принсипҳо ҳамчун воситаҳои таҳлилии илмӣ амал мекунанд, ки фаҳмидани робитаҳои сохтории байни соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, муайян кардани ҳамбастагиҳои мантиқӣ ва функсионалӣ миёни институтҳои ҳуқуқӣ ва фарқгузории равишҳои консептуалӣ ба танзими муносибатҳои иҷтимоиро осон мегардонанд [58, с. 43].

Дар ҳамбастагӣ бо принсипҳои умумии ҳуқуқ, ки тамоми низоми меъёриро фаро мегиранд, принсипҳои байнисоҳавӣ ҳам нақши таъсисдиҳанда ва ҳам нақши устуворгардонанда мебозанд. Онҳо ба ташаккули сохтори меъёрии низоми ҳуқуқӣ мусоидат намуда, ҳамоҳангӣ, вобастагии мутақобил ва ягонагии дохилии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро таъмин мекунанд ва ҳамзамон қобилияти мутобиқшавӣ ва устувории низоми ҳуқуқро дар шароити ислоҳоти ҳуқуқӣ ва таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ баланд мебардоранд. Дар доираи соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, ин принсипҳо вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ дақиқ ва мутобиқ гардонда мешаванд, ҳамзамон бо принсипҳои соҳавӣ, ки танҳо дар як самт амал мекунанд, таъсири мутақобила доранд. Ин раванди бисёрсатҳӣ ба ташаккули низоми ягона, сохторёфтаи иерархӣ ва ҳамбастаи принсипҳо мусоидат мекунад, ки он ҳамоҳангии дохилӣ, ягонагии консептуалӣ ва устувории низоми ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Аз байни принсипҳои муҳимтарини байнисоҳавӣ, метавон он принсипҳоро ном бурд, ки фаъолияти иқтисодӣ ва меҳнатиро танзим мекунанд: озодии меҳнат ва шартнома, манъи меҳнати маҷбурӣ, эътироф ва ҳимояи баробари ҳамаи шаклҳои моликият, ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорӣ. Ба принсипҳои асосии мурофиавӣ ва умумии ҳуқуқӣ бошад,

презумпсияи бегуноҳӣ, мубоҳисавӣ ва диспозитивӣ шомиланд.

Яке аз вазифаҳои марказии назарияи ҳуқуқ систематизатсия ва гурӯҳбандии ин принсипҳо мебошад. Ин кор таҳлили принсипҳоро вобаста ба таъсири онҳо ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, мақсадҳои функсионалӣ ва қобилияти танзимкунанда, инчунин бо дарназардошти тафриқаи асосии ҳуқуқ ба қисматҳои моддӣ ва мурофиавӣ талаб мекунад.

Принсипҳои байнисоҳавӣ, ки дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ амал мекунанд, нақши ҳалкунанда дар нигоҳ доштани ягонагии низоми ҳуқуқ, таъмини баробарӣ дар назди қонун ва ҳифзи адолат мебозанд. Татбиқи пайвастаи онҳо самаранокӣ ва устувории механизми ҳуқуқиро баланд мебардорад, ки ин, дар навбати худ, ба рушди пойдор ва пешрафти ҷамъият мусоидат мекунад.

**Зербоби чоруми боби дуюм «Принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ»**-ро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳалли мушкилоти назариявии мансуб донистани принсипҳо ба ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ ба зуҳури афзалияти ин принсипҳо дар ин ё он бахши ҳуқуқ асос ёфтааст.

«Дар робита ба тақсимоти ҳуқуқ ба оммавӣ ва хусусӣ, дар адабиёти ҳуқуқӣ фарқ кардани соҳаҳои ҳуқуқи оммавӣ (масалан, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва ғ.) ва соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ (мисоли маъмултарин - ҳуқуқи маданӣ) маъмул аст» [74, с.433].

Гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурии мо таҷдиди ҳуқуқи хусусиро мушаххас намуд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки соҳибони моликияти хусусиро дар соҳаҳои истеҳсолот ва мубодилот ва ҳамчунин манофеи иштирокчиёни бозорро ҳимоя ва танзим менамоянд, ҳуқуқи хусусӣ номида мешаванд. Бидуни ҳуқуқи хусусии тараққиёфта, таъсис додани давлате, ки дар он ҳуқуқи инсон

ва арзишҳои олӣ эҳтиром гузошта шаванд, ғайриимкон аст. Системаи ҳуқуқие, ки дар он шахс ва ҳуқуқҳояш ҳамчун арзишҳои олӣ шиносоӣ мешаванд, бояд ҳуқуқи хусусии хеле пешрафта ва таҳкимёфтаро дар бар гирад.

Аз пажуҳишҳои муҳаққиқ бармеояд, ки қонунгузор доираи фаъолияти принсипи шартномаи озодро дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон васеъ намудааст. Ин принсип, ки одатан дар ҳуқуқи маданӣ истифода мешуд, ҳоло ба соҳаҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ ва меҳнатӣ, низ густариш ёфтааст. Тадриҷан паҳн шудани он ба ҳуқуқи маъмурӣ боиси пайдоиши консепсияи шартномаҳои маъмурӣ гардид: падидае, ки чандиршавии рӯзафзуни механизмҳои идоракунии давлатиро инъикос мекунад.

Боиси таассуф аст, ки бо вуҷуди қабули қонунҳои нав он ҳолате, ки қонунгузории соҳавӣ навъҳои ғайриқонунии мусодираи молу мулкро аз соҳиби он дар баъзе меъёрҳо пешбинӣ мекунад, ҳоло ҳам бетағйир мондааст. Бино бар ин, мутобиқи қ. 2 м. 313 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун мусодираро бо тартиби маъмурӣ анҷом додан мумкин аст. Нисбат ба қарори бо тартиби маъмурӣ қабулгардида дар бораи мусодираи молу мулк ба суд шикоят кардан мумкин аст. Мусодираи амвол дар моддаҳои 36 ва 45 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3, с.17 ва 22] ва дар моддаҳои 242 ва 441 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст [2, с.172 ва 327]. Дар ҳолатҳои дигар низ молу мулк мусодира карда мешавад.

**Боби сеюми диссертатсия «Мушкилоти татбиқи принсипҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад. «Ҳар гуна падидаи мансуб ба соҳаи ҳуқуқро ҳам дар ҳолати статикӣ ва ҳам динамикӣ таҳлил кардан имконпазир ва зарур аст. Вале нисбати принсипҳои умумиҳуқуқӣ, мутаассифона, ғояи ягонагии диалектикии динамика ва статика дар падидаи ҳуқуқӣ ба таври бояду шояд рушд наёфтааст. Падидаи мавриди таҳқиқи мо, чун қоида, дар шакли статикӣ баррасӣ

мешавад. Муҳаққиқон табиати он, хусусиятҳои асосии онро ошкор нмуда, мушкилоти таснифоти онро таҳлил карда, ба масъалаи «принсипҳои амал» кам аҳаммият медиҳанд» [4-М].

Таҳлили пажуҳиши муосир нишон медиҳад, ки ҳатто агар пажуҳишгар мушкилоти татбиқро дар номгӯйи асари худ «ба миён гузорад», худи категория таҳия ва муайян карда намешавад. «Татбиқ дар заминаи таҳлили вазъ бо муқаррарсозии меъёрӣ ва ҳуқуқӣ-техникии принсипи дахлдори ҳуқуқ баррасӣ карда мешавад. Истисноҳо зиёд нестанд» [57, с.166].

Мусаллам аст, ки ҳуқуқи позитивӣ дар худ танҳо бояд ҳуқуқро мунъакис кунад ва меъёри баробари озодиро ифода намояд. Пажуҳишгар дар ин маврид таносуби маънавии ҳуқуқ ва қонунро қонуни юридикӣ меномад, ки он қонуни давлатро дар назар дорад. Ба андешаи муҳаққиқ, қонуни юридикӣ – ин як ҳуқуқи комилан ташаккулёфта мебошад. Вале қонуни мазкур вақте тасдиқ карда мешавад, ки агар он ҳудуди баробари озодиро таҷассум карда тавонад.

Бо таҳлили раванди татбиқи принсипҳои ҳуқуқ дар шароити низоми мушаххаси ҳуқуқӣ, мо бояд ҳамеша ба ёд орем, ки ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ маҳсули рушди иҷтимоию сиёсии ҷомеаи ба он мувофиқ мебошанд. Ҳуқуқ танҳо ба забони худ, ки аз ҷониби ҷомеаи мазкур сохта шудааст, муносибатҳо ва робитаҳои бавуҷудояндаи иҷтимоиро инъикос мекунад, инчунин бо воситаҳои худ ҳифзи онҳоеро, ки ҷомеа мувофиқи мақсад эътироф мекунад ва монанди инҳоро таъмин менамояд. Бо воситаи механизмҳои танзимкунандаи худ, ҳуқуқ он гуна муносибатҳои иҷтимоиро ҳимоя ва мустаҳкам мекунад, ки аз ҷониби ҷомеа қонунӣ ва арзишманд шинохта шудаанд.

Принсипҳои ҳуқуқӣ танҳо қоидаҳои роҳнамоии умумӣ нестанд: онҳо ифодакунандаи мухтасари қонуниятҳои асосӣ ва хусусиятҳои ҷудонашавандаи худи ҳуқуқ мебошанд. Онҳо табияти ҳуқуқро ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ инъикос намуда, самти рушди онро муайян

мекунанд ва ҳамоҳангии дохилии низоми ҳуқуқиро таъмин менамоянд. Маҳз тавассути ин принсипҳо механизмҳои асосии тартиботи ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд, аз ҷумла таъмини баробарӣ ва адолат, инчунин нигоҳ доштани тавозун байни озодӣ ва масъулият.

Аҳаммияти амалии принсипҳои ҳуқуқӣ аз мазмун ва сохтори ҳуқуқи позитивӣ вобаста аст, ки ҳудуд ва соҳаи татбиқи онҳоро ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар амалияи татбиқи ҳуқуқ муайян мекунад. Дар он соҳаҳое, ки субъектҳо аз сатҳи баланди мустақилияти ҳуқуқӣ бархурдоранд (масалан, дар ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), ин принсипҳо хусусияти чандир ва динамикӣ мегиранд ва ҳамчун воситаи пур кардани холигиҳои қонун, тафсири меъёрҳо ва таъмини тавозуни одилонаи манфиатҳо хизмат мекунанд. Бо ин васила, онҳо ба ягонагӣ ва қобилияти мутобиқшавии тамоми низоми ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд. Баръакс, дар он низомҳои ҳуқуқие, ки қонунгузор ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро сахт маҳдуд менамояд, қувваи танзимкунандаи принсипҳои ҳуқуқӣ ба таври назаррас суст мегардад ва баъзан то нақши рамзӣ паст мешавад. Чунин маҳдудият, одатан, натиҷаи набудани доираи кофии ҳуқуқҳои субъективии ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ додашуда мебошад.

## ХУЛОСА

Принсипҳои ҳуқуқ мисли дигар категорияҳои ҳуқуқӣ дар ҳошияи навъҳои гуногуни фаҳмиши ҳуқуқӣ ба тарзи гуногун тафсир ёфтаанд. Дар баробари ин, маънои аслии ҳуқуқии онҳо танҳо аз мавқеи барномаи либертарии ҳуқуқ метавонад ошкор шавад. Равишҳои дигар принсипҳои ҳуқуқро ба унсурҳои ғайриҳуқуқӣ мебаранд, ки онҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: аввал, ҷанбаҳои давлативу ҳокимиятӣ, ки дар қонунгузорӣ ифода ёфтаанд, дувум, арзишҳои маънавӣ ва динӣ (мактаби табиӣ-ҳуқуқӣ) [1-М; 2-М].

Принсипҳои ҳуқуқ моҳияти ҳуқукро ифода карда, ғояҳое мебошанд, ки хусусияти меъёриро ба худ касб намудаанд. Муаррифии принсипҳои ҳуқуқ ба сифати меъёрҳои ҳуқуқ умумиҳатмӣ будан ва аҳаммияти амалӣ доштани онҳоро аз нигоҳи таҷассуми асосҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ таъкид менамояд [2-М].

Мафҳуми аксиомаҳои ҳуқуқ бо мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ хеле ба ҳам наздиканд. Тафовут байни онҳо ҳамин аст, ки аксиомаҳо мушаххас ба тарзи дурусти рафтор ишора мекунанд, аммо принсипҳои ҳуқуқ мундариҷаи васееро доро мебошанд. Тасаввуроти тавсеаёфта дар бораи аксиомаҳои ҳуқуқ ба ин хулоса меорад, ки онҳо арзишҳои умумиинсониро ифода мекунанд, ҳоло он ки принсипҳои ҳуқуқ вобаста ба навъи дарки ҳуқуқ ба таври гуногун тафсир мешаванд. «Дар фаҳмиши либертарӣ мундариҷаи аксиомаҳои ҳуқуқ бо мундариҷаи принсипҳои ҳуқуқ мувофиқ меафтанд; қисмати зиёди аксиомаҳои ҳуқуқ аз принсипи баробарии зоҳирӣ бармеояд» [1-М].

Барои равиши либертарии фаҳмиши ҳуқуқ, ҳамаи принсипҳои ҳуқуқӣ ба принсипи волоияти ҳуқуқ ва принсипи баробарии зоҳирии он ба ҳам оварда мешаванд. Ин равиш замина барои онҳоро дар як системаи комил ва мутобиқ ҷойгир кунондан мешавад, то фарогири принсипҳои умумӣ, аз ҷумла принсипҳои конститутсионӣ, байнисоҳавӣ ва соҳавӣ бошанд. Аз ин ҷиҳат, бо ташкил намудани як чунин низом, принсипҳои ҳуқуқӣ ба якдигар мушкил эҷод намекунанд, балки баръакс, якдигарро пурра менамоянд [1-М; 2-М].

Принсипҳои умумии ҳуқуқ хусусияти фавқулода мусбат дошта, принсипи умумии волоияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро мунъакис месозанд. Принсипҳои конститутсионӣ ба принсипҳои умумӣ дар робита бо давлат ва ҳуқуқи позитивӣ мансуб буда, муҳиммияти онҳо ба қувваи олии ҳуқуқии Конститутсия ва амали бевоситаи он вобаста аст. Принсипҳои дигар мундариҷаи принсипҳои умумиро (конститутсиониро)

нисбат ба соҳаҳои алоҳида ва институтҳои ҳуқуқ мушаххастар мекунанд.

Принсипҳои ҳуқукро набояд ба сифати манбаъҳои ҳуқуқ дар маънои зоҳирии он баррасӣ намуд. Ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ онҳо худ ба ифодаи берунӣ дар яке аз ин манбаъҳо ниёз доранд. Шакли берунаи ифодаёбии принсипҳои ҳуқуқӣ - ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, амалияи судӣ ва ҳамчунин доктринаи ҳуқуқӣ мебошанд [3-М].

Дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми истифодаи истилоҳи «принсип», аксар вақт фарқгузории дақиқ байни принсипҳои қатъии ҳуқуқӣ ва категорияҳои ғайриҳуқуқӣ мушоҳида намешавад. Ба ин гурӯҳи таҳлилӣ метавон ҳамчунин мавқеъҳое ворид кард, ки танҳо амали принсипҳои ҳуқуқиро дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас тавзеҳ медиҳанд, дар якҷоягӣ бо дигар категорияҳои асосии ҳуқуқӣ, мисли ҳуқуқи инсон ва меъёрҳои императивӣ. Бо вуҷуди ин, вақте ки меъёрҳо ва мафҳумҳо бо тарзҳои мухталиф истифода мешаванд, фаҳмиши дақиқи илмӣ (равшанӣ ва якдилии консептуалӣ) душвор мешавад ва ин ҳолат тафсири мунтазам ва системавии меъёрҳои ҳуқуқиро монеъ мегардад [8-М; 10-М].

Принсипҳои ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун унсурҳои моддӣ амал мекунанд, ки дар қонунҳо ва дигар манбаъҳои расмии ҳуқуқ, аз ҷумла шартномаҳои меъёрӣ, прецедентҳои судӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам шудаанд, балки инчунин ҳамчун поёяҳои сохторӣ, ки худи раванди қонунгузориро шакл медиҳанд, низ хизмат мекунанд. Санади меъёриро танҳо дар сурате метавон воқеан ҳуқуқӣ донист, агар ду шарти муҳим иҷро шавад: аз ҷиҳати мазмун он бояд принсипҳои асосии ҳуқукро таҷассум ва тасдиқ намояд, ва аз ҷиҳати шакл ва раванди қабул он бояд дар мувофиқат бо принсипҳои мурофиавӣ ва институтсионалӣ, ки фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатиро танзим мекунанд, таҳия ва қабул гардад, то ҳам қонунӣ будан ва ҳам риояи доираи ваколатҳои конститутсионии онҳо таъмин шавад.

Рӯ овардан ба принсипҳои ҳуқуқ замина барои бартараф кардани норасоиҳо дар қонунгузорӣ мегардад. Аз нигоҳи назарияи либертарии ҳуқуқ оид ба мавҷуд будани норасоиҳо дар ҳуқуқ ҳарф задан бемавқест, агар муносибат ба доираи танзими ҳуқуқӣ марбут бошад. Пас, ҳадди ақал принсипҳои ҳуқуқӣ ҳамеша вуҷуд доранд, ки дар асоси онҳо метавон баҳои ҳуқуқии онро дод.

Принсипҳои ҳуқуқӣ дар раванди тафсири муқаррароти қонун корбурд мешаванд. Ҳамзамон, мутобиқати муқаррароти қонун бо принсипҳои ҳуқуқ метавонад бо истифода аз тафсири васеъ ё маҳдуд сурат гирад, ки ин имкон медиҳад аз доираи маънои аслии он берун равем. Дар баъзе мавридҳо тафсири қонун метавонад зиддияти онро бо ҳуқуқ ошкор созад ва ба зарурати бевоситаи амалисозии принсипи ҳуқуқи contra legem (зидди қонун) оварда расонад.

Ҳар як шохаи ҳокимияти давлатӣ масъулияти мустақим барои таъмини қонуният дар идоракунии ҳуқуқиро бар дӯш дорад. Ин масъулият танҳо ба қабули қонунҳое, ки ба принсипҳои ҳуқуқӣ мутобиқат доранд, маҳдуд намешавад; он ҳамчунин ӯҳдадории пешгирӣ намудани қабулу татбиқи қонунҳое, ки ба асосҳои худи қонуният мухолифанд, дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангӣ ва устувории низоми ҳуқуқӣ аз иштироки фаъолона ва ҳамоҳангшудаи ҳамаи шохаҳои ҳокимият вобаста аст.

Принсипҳои ҳуқуқӣ ҳамчун раҳнамо дар раванди ислоҳоти қонунгузорӣ зуҳур мекунанд. Татбиқи ҳатмии ин принсипҳо кафолат медиҳад, ки қонунҳои амалкунанда на танҳо дар ҳолати пайдо шудани ихтилоф ё номувофиқатӣ тағйир дода ва такмил дода мешаванд, балки ҳамеша бо арзишҳои бунёдии адолат, баробарӣ ва волоияти ҳуқуқ мутобиқ гардонда мешаванд. Ҳамин тариқ, принсипҳои ҳуқуқӣ ҳамчун механизми ислоҳкунанда ва ҳам ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди пешрафтаи қонунгузорӣ амал мекунанд.

Хокимияти судӣ накши муҳимро дар санҷиши қонунӣ будани санадҳои қонунгузорӣ иҷро мекунад. Ин вазифа асоси ҷудоии ҳокимиятҳоро халалдор намекунад, зеро судҳо на функсияи қонунгузориро иваз ва на ғасб мекунанд. Вазифаи онҳо дар он аст, ки пешгирӣ аз таҳкими қарорҳои ғайриқонунӣ, бартараф намудани номуайянии муқаррароти қонунҳо, ва таъмини татбиқи дуруст ва мутобиқ бо принсипҳои асосии ҳуқукро таъмин намоянд. Ин тавассути тафсири пайваста, асоснок ва принсипиалии доктринаҳои ҳуқуқӣ дар амалияи судӣ ба даст оварда мешавад, ки он ягонагӣ ва устувории тартиботи ҳуқуқиро тақвият медиҳад.

Ҳамзамон, афзудани вобастагии байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ барои низомҳои ҳуқуқии миллӣ масъалаҳои мураккаб ва нав ба миён меорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавоби самаранок ба ин чолишҳо қабули як санади махсуси қонунгузориро талаб мекунад, ки тартиби эътироф, воридсозӣ ва татбиқи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар доираи низоми ҳуқуқии миллӣ танзим намояд. Қабули чунин санад на танҳо дақиқияти ҳуқуқиро баланд мебардорад, балки инчунин қобилияти давлатро дар ҳамоҳангсозии тартиботи ҳуқуқии миллӣ бо меъёрҳо ва стандартҳои рушдёбандаи ҷомеаи байналмилалӣ тақвият хоҳад дод.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Тадқиқоти заминавии принсипҳои ҳуқуқишиносӣ ва усулҳои амалӣ дар баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқӣ ва иҷрои адолат дар ҷомеа, бахусус дар сохторҳои давлатӣ ва паҳлӯҳои иҷтимоӣ, аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Принсипҳои ҳуқуқи инсон, ба монанди адолат, баробарӣ, эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, дар системаи ҳуқуқии Тоҷикистон асос гузошта шудаанд. Ҳар гуна тадбирҳо ва муносибатҳои ҳуқуқи инсон бояд дар қонунгузорӣ инъикос ёбанд.

Бо хулосагирӣ аз таҳқиқи диссертатсияи мазкур барои истифодаи амалии натиҷаҳои он чунин тавсияҳо пашниҳод карда мешаванд:

1. Адолат ва баробарӣ: Ҳокимиятҳои давлатӣ бояд бо баробарӣ ва адолат бояд ба шаҳрвандон муносибат намоянд. Ин принсип дар қонунгузорӣ, ҳукмҳо ва иҷрои қарорҳои судӣ бояд равшан ифода ёбад.

2. Эҳтироми ҳуқуқи инсон: Ҳар як кишвари демократӣ бояд ба ҳуқуқи инсон аҳаммияти махсус диҳад. Созмонҳо ва ниҳодҳои давлатӣ бояд эътибори ҳуқуқи инсонро таъмин намоянд ва он масъулиятро дар назди шаҳрвандон иҷро кунанд.

3. Истифодаи усулҳои демократӣ: Омили муҳим дар фаъолияти қонунгузорӣ ва амалҳои ҳуқуқӣ ин истифодаи усулҳои демократист. Вобаста ба ин, намояндагони мардум дар қабул ва тадқиқи қарорҳо иштирок намудан муҳим аст.

4. Тақвияти принсипи волоияти қонун:

– таъмини афзалияти меъёрҳои конститутсионӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ;

– рафъи зиддиятҳои байни қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– такмили механизмҳои назорати судӣ аз болои қонуният.

5. Татбиқи принсипи қонуният:

– баланд бардоштани сифату ҳамоҳангии қонунгузорӣ тавассути такмил додани техникаи қонунэҷодкунӣ ва ҷорӣ намудани равиши исботгароёна дар раванди қонунгузорӣ;

– таъмини татбиқи якхела, пайдарпай ва беғаразонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳое, ки ба амалисозии ҳуқуқ ва идоракунии давлатӣ машғуланд;

– таъсиси низоми муассир, шаффоф ва низоми зертобеъи мониторинг барои таъмини риояи қонунҳо, ки назорати давлатӣ ва ҷамъиятиро ҳамчун кафолатҳои таъмини қонуният муттаҳид месозад.

6. Таъмини баробарии ҳама дар назди қонун ва суд:

– роҳ надодан ба табъиз дар ҳама гуна асос дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

– такмили механизмҳои ҳифзи ҳуқуқии гурӯҳҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир;

– рушди институти ёрии ҳуқуқии ройгон.

7. Татбиқи принсипи адолат:

– баланд бардоштани ошкорбаёнӣ ва шаффофияти низоми судӣ;

– ҷорӣ намудани меъёрҳои холисона ва шаффоф барои арзёбии фаъолияти судяҳо;

– таъмини ногузир ва мутаносибии чавобгарии ҳуқуқӣ.

8. Таъмини самти башардӯстонаи ҳуқуқ:

– таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар қонунгузорӣ;

– мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ.

Татбиқи ин тавсияҳо ба самараноктар татбиқ гардидани принсипҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд

**[1-М].** Набиев Ф.С. Формы выражения принципов права в Таджикистане / Ф.С. Набиев // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. - Душанбе. - 2015. - №2(49). С.44-48.

**[2-М].** Набиев Ф.С. Проблемы классификации принципов права и их отображение в правовой системе Республики Таджикистан / Ф.С. Набиев // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2015. - №3(46). С. 82-90.

**[3-М].** Набиев Ф.С. Общепризнанные (универсальные) принципы и нормы международного права как составная часть правовой системы Таджикистана / Ф.С. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе. - 2015. - №3/1(158). С. 122-127.; маҷмӯи мақолаҳо ва тезисҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши ҷавонон дар ҳалли мушкилоти муҳим дар манзари ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 19-21 майи соли 2014). С. 407-414.

**[4-М].** Набиев Ф.С. Проблемы реализации принципов права в Республике Таджикистан / Ф.С. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе. - 2015. - №3/2(162). С.97-102.

**[5-М].** Набиев Ф.С. Межотраслевые принципы частного и публичного права / Ф.С. Набиев // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. - Душанбе. - 2016. - №4(56). С.46-52.

**[6-М].** Набиев Ф.С. Закрепление принципов права в законодательстве Республики Таджикистана / Ф.С. Набиев // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2017. - №1(56). С.156-170.

**[7-М].** Набиев Ф.С. Историко-правовые проблемы возникновения и развития принципов советского права / Ф.С. Набиев // Известия Института философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2017. - №1. С.142-147.

**[8-М].** Набиев Ф.С. Мафҳум ва намудҳои принсипҳои хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон / Ф.С. Набиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2018. - №2(26). С.38-45.

**[9-М].** Набиев Ф.С. Оид ба мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ / Ф.С. Набиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2020. - №2(34). С.77-81.

**[10-М].** Набиев Ф.С. Ташаккули меъёр ва падидаҳои ҳуқуқи шӯравӣ дар Тоҷикистон / Ф.С. Набиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2020. - №3(35). С.57-60.

**[11-М].** Набиев Ф.С. Шаклҳои ифодаи принсипҳои ҳуқуқ дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.С. Набиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. - №2(42). С.74-81.

**[12-М].** Зоир Ҷ.М., Набиев Ф.С. Шинохти муосири ҳуқуқ ва мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ / Ҷ.М. Зоир, Ф.С. Набиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2024. - №2(50). С. 8-16.

**[13-М].** Набиев Ф.С. Принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ: мафҳум ва таснифот / Ф.С. Набиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи

А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2025. - №1(53). С.68-74.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд**

**[14-М].** Набиев Ф.С. Современное правопонимание и понятие принципов права / Ф.С. Набиев // журнал Мир политики и социологии. - Санкт-Петербург. - 2016. - №8. С.28-36.

**[15-М].** Набиев Ф.С. Межотраслевые принципы права: понятие и классификации / Ф.С. Набиев // журнал Юридическая наука: история и современность. - Санкт-Петербург. - 2017. - №2. С.159-167.

**[16-М].** Набиев Ф.С. Принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофи (ҳамагонии) ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон / Ф.С. Набиев // Маҷмӯи мақолаҳо ва тезисҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши ҷавонон дар ҳалли мушкилоти муҳим дар манзари ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 19-21 майи соли 2014) - 2014. - С. 407-414.

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**
**ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА им. А. БАХОВАДДИНОВА**

***На правах рукописи***

УДК - 340 (575.3)
ББК – 67.7 (2) 99 (2 таджик)
Н - 11

**НАБИЕВ ФАТХИДДИН СУХРОБОВИЧ**

# ПРИНЦИПЫ ПРАВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ТЕОРЕТИКО-ПРАКТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

**ДУШАНБЕ-2025**

**Диссертация выполнена в отделе теоретических проблем современного государство и права Института философии, политологии и права имени академика А.М.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистан**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Зоир Джурахон Маджидзода** – доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом государственного права Института философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана |
| **Официальные оппоненты:** | **Раджабзода Равшан Мухитдин** – доктор юридических наук, профессор кафедры теории государства и права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан |
| | **Кенджаев Шухратджон Юсуфович** – декан юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент |
| **Ведущая организация:** | Таджикский государственный финансово-экономический университет (г. Душанбе) |

Защита диссертации состоится 10 февраля 2026 года в 10:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-090 при Таджикском государственном университете права, бизнеса и политики. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 микрорайон, дом 1, учебный корпус №5, e-mail: dstsubp@mail.ru телефон учёного секретаря: (+992)921115990).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (http//www.tsulbp.tj).

Автореферат разослан «___» __________ 202__ года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук, доцент** **Кодирзода М.А.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** К числу фундаментальных категорий юриспруденции относится институт правовых принципов, значение которых для развития теории государства и права не подлежит сомнению. Имея морально-этическую природу и наделённые регулятивным значением, они выполняют функцию концептуального звена, соединяющего философское осмысление права с его доктринально правовым толкованием. В этих принципах, составляющих неотъемлемую структурную составляющую юридической науки, воплощается не только идея права, но и его ценностная составляющая. Они формулируют сущность права в его наиболее общей форме, обеспечивают концептуальную основу для разработки конкретных нормативных положений и способствуют формированию системы правовых отношений. Применение права также основывается на этих принципах, которые находят своё выражение в правоприменительной практике. В результате эти принципы гарантируют не только последовательность и стабильность нормативного регулирования, но и его соответствие существенным требованиям законности.

Учитывая их теоретическую и практическую значимость, принципы права неизменно остаются в центре внимания учёных как в общей теории права, так и в специализированных отраслях юриспруденции. В рамках правовой доктрины они традиционно понимаются как фундаментальные идеи или концепции (такие как демократия, гуманизм, законность, справедливость), которые должны быть воплощены в законодательстве и правоприменении. В то же время исторический анализ показывает, что их содержание не было неизменным. В юридической практике принципы права нередко имели декларативный характер, выражаясь в преамбулах и вводных положениях законов и других актов, что придавало им

больше социально-политическое, чем юридически обязательное значение.

Напротив, опыт западных демократических систем и практика международного и наднационального регулирования показывают иной подход: здесь признается подлинный нормативный характер правовых принципов. Это проявляется в приоритете, отдаваемом точным нормативным положениям, вытекающим из этих принципов, которые могут служить прямой правовой основой для судебных решений.

В последние годы правовая система Республики Таджикистан претерпела заметные изменения, всё более решительно внедряя эту методологию. Свидетельством данного сдвига является практика Конституционного суда, в которой правовые позиции и аргументация приведены в соответствие с международными стандартами. Это развитие означает не просто техническую корректировку, а глубокую переориентацию правового мышления, которая отличает современную практику от традиционных подходов, давно укоренившихся в национальной правовой теории и академическом дискурсе.

Противоречие между доктринальным толкованием правовых принципов в национальной юриспруденции и их фактической регулирующей ролью в правоприменительной практике представляет собой одну из наиболее актуальных и концептуально значимых проблем, стоящих перед современной правовой наукой. Решение этого расхождения имеет фундаментальное значение для сохранения внутренней согласованности и системной целостности национального правопорядка. Кроме того, оно напрямую влияет на эффективность и качество правоприменительных действий и способствует укреплению авторитета права как основополагающего института как социальной организации, так и государственного управления.

**Степень изученности научной темы.** Вопросы, которые рассматриваются в данной диссертации, являются общими и

уже становились предметом рассмотрения в исследованиях отечественных учёных. В частности, Зоир Дж.М., Бободжонзода И.Х. [41, с.112], Буризода Э.Б. [14, с.121], Достиев А.С. [16, с.92], Искандаров З.Х. [48, с.44-45 и 50], Камолов И.И. [17-18, с.9], Маликова А.Х. [59, с.28], Мансуров У.А. [50, с.170], Муллоев Д.М. [27, с.75], Нематов А.Р. [28, с.4], Раджабов С.А. [36, с.173 и 178], Шарофзода Р.Ш. [37, с.85], Тохиров Ф.Т. [40, с.81, 83, 107, 103, 107, 111-112] и другие, а также труды российских теоретиков права С.С. Алексеева [5-10, с.99, 239, 108-109], М.И. Байтина [12-13], В.К. Бабаева [11], В.В. Болгова [56, 46, с.17], В.М. Ведяхина [15, 126, с.10], Р. Дворкина [47], В.В. Лазарева [19, 186], Е.А. Лукашева [49, с.22-23], О.Э. Лейста [20], В.В. Мальцева [60, с.247], О.В. Мартышина [51, с.5-16], М.Н. Марченко [21-23], Н.И. Матузова [24-25], Л.А. Морозовой [26], В.С. Нерсесянца [29-33], П.Е. Недбайло [52-53, с.14], А.С. Пиголкина [34], С.В. Полениной [35, с.165], А.В. Полякова [54], О.В. Смирнова [39, с.11], Е.В. Скурко [38, с.3], В.А. Четвернина [42-43], Л.С. Явича [44, 45, с.43] и другие уделили внимание различным аспектам темы данной диссертации в своих исследованиях.

Принципам права традиционно уделяют значительное внимание в образовательной и научной литературе по теории государства и права. Эта тема постоянно затрагивается в учебниках и академических курсах, а также посвящены ей отдельные главы в обширных теоретических диссертациях и ряд монографических исследований. Учёные, представляющие различные отрасли юридической науки, также проявляют постоянный интерес к изучению правовых принципов. Различные аспекты этой темы неоднократно становились предметом обсуждения на авторитетных научных конференциях и в крупных коллективных исследовательских проектах. Тем не менее, несмотря на значительный объём публикаций, попытки разработать всеобъемлющее и систематическое понимание принципов

права в рамках таджикской юридической науки до сих пор остаются безрезультатными.

«Неясность общетеоретических представлений о принципах права также оказала своё влияние на отраслевые юридические науки. Во многих случаях в качестве отраслевых принципов права на теоретическом уровне рассматриваются одни категории, а в действующее законодательство включаются совершенно разноплановые категории. Наряду с этим, именно в отраслевых юридических исследованиях были детально разработаны некоторые из важнейших принципов права (презумпция невиновности, добросовестность)» [36, с.173].

Научные исследования показывают существенные расхождения в толковании правовых принципов и способах их включения в законодательство. Эти расхождения подтверждают необходимость систематического изучения как теоретических подходов к их концептуализации, так и правовых механизмов, с помощью которых они реализуются. В связи с этим основная цель данного исследования заключается в разъяснении правовой природы этих принципов и демонстрации их системного значения для общей архитектуры правового регулирования.

**Связь исследования с научными программами или темами.** Данная диссертация подготовлена в рамках научно-исследовательских работ отдела теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана по теме: «Современное состояние, основные направления и перспективы развития государственно-правовой системы Республики Таджикистан в период утверждения государственной независимости (2013-2017 гг.)».

## ОБЩЕЕ ОПИСАНИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Учитывая актуальность выявленного противоречия между доктринальным толкованием правовых принципов и их фактической регулирующей функцией в правоприменительной практике, цель данной диссертации заключается в проведении комплексного теоретического и прикладного исследования принципов права как структурной и концептуальной основы правовой системы Республики Таджикистан. Исследование направлено на определение сущностных признаков принципов, анализ их концептуального и ценностного содержания, а также оценку эффективности их реализации в системе национального права.

**Задачи исследования.** Для достижения этой цели поставлены следующие задачи исследования:

– установить теоретические и методологические основы исследования путем выявления существенных характеристик правовых принципов, критического анализа методологических подходов, используемых при их рассмотрении, и уточнения концептуального аппарата, необходимого для их всестороннего понимания.

– определить место правовых принципов в системе правовых категорий путём выявления их отличительных черт и разработки чётких критериев их дифференциации от правовых норм, прескриптивных положений и других нормативных инструментов.

– построить системную и иерархическую модель правовых принципов., продемонстрировав их внутреннюю логику, иерархическую структуру и системную взаимосвязь.

– выявить и изучить внешние формы и источники, посредством которых правовые принципы формулируются и закрепляются, включая механизмы их кодификации, законодательного выражения и доктринального толкования.

– оценить нормативную и регулирующую функцию правовых принципов в поддержании согласованности,

целостности и эффективности системы правового регулирования.

– исследовать отраслевые проявления и применение общих правовых принципов в различных отраслях права, подчёркивая их адаптивную функцию и интерпретационную ценность.

– обосновать роль правовых принципов в конституционном контроле и определить их значение в конституционной и правовой оценке законодательства в Республике Таджикистан.

**Объект исследования.** Объектом исследования является национальная правовая система в целом, рассматриваемая через призму положения, структуры и функции правовых принципов как регуляторов общественных отношений.

